

# Бахши III

## РУШДИ ТАФАККУРИ ИНТИҚОДӢ

## Бахши 3. Рушди тафаккури интиқодӣ

### 3.1. Тафаккури интиқодӣ

Моҳияти тафаккури интиқодӣ чист? Тафаккури интиқодӣ (танқидӣ) маънои тафаккури дақиқан ба эътидоловардашуда ва таҳлилиро дорад. Мутаассифона, омӯзиш ва таълим додани тафаккури интиқодӣ хеле душвор аст, зеро ба он ҳамчун ба як фанни анъанавии омӯзиш назар карда, дарс додан одатан ба муваффақият намеорад. Масалан, хонанда метавонад аҳамияти тафаккури танқидиро хуб дарк кунад ва агар касе онро надошта бошад, ба ин диққат диҳад. Аммо вақте сухан дар бораи худи талаба меравад, вай метавонад дар ҳолатҳои амалӣ интиқодӣ набошанд. Аз ин ҷиҳат, тафаккури интиқодӣ фанни амалӣ аст ва таълими тафаккури интиқодӣ ва танқидӣ бояд инро инъикос кунад. Машқҳои амалӣ бояд дар заминаҳо ва ҳолатҳои гуногун гузаронида шаванд, то қобилиятҳои интиқодӣ аз лиҳози ҳаҷми худ аз ҳад зиёд маҳдуд нашаванд [43]. Барои хонандагон усули беҳтарини омӯхтани тафаккури интиқодии ҳамаҷониба, новобаста аз мундариҷа, иборат аз татбиқи усулҳои яксону содаи тафаккури интиқодӣ доир ба ҳар гуна фанҳо, мавзӯъ ва рӯйдодҳои мухталиф мебошад.

**Тафтиши далел чист?** Тафтиши далелҳо раванди тадқиқотест, ки ба дарки комили ҳақиқат ё эҳтимолият, масалан, як изҳороти оммавӣ талош дорад. [5] Масалан, дар таърих равандҳои гуногуни санҷиши далелҳоро истифода мебаранд, ки дар он далелсанҷҳо назорат мекунанд, ки мундариҷа бо маълумоти бойгонишуда, далелҳои таърихӣ мувофиқат кунанд. Аммо, санҷиши далелҳо аз доираи таърих фарохтар гузаштаст ва дар миқёси глобалӣ миқдори зиёди фаъолиятҳои шаҳрвандӣ рушд кардаааанд.

Онҳое, ки далелҳоро тафтиш мекунанд, худашон собиқ таърихшинос ё муҳаққиқ мебошанд. Ҳадафҳои бештар маъмулгаштаи санҷиши далелҳо, масалан, ваъда ва иддаои як шахси масъул ва изҳороти илмӣ, ба ибораи дигар, ҳама гуна изҳоротест, ки метавонанд дар асоси далел ё таҷрибаи илмӣ бунёд ёбанд. Натиҷаи раванд бояд ҳамеша ба қадри имкон объективӣ ва ҳақиқӣ бошад.

Тафтиши фактҳо дар муҳити муосири коммуникатсионӣ, ки қутбӣ ва дорои гироиш ба популизм аст, боз ҳам муҳимтар шудааст. Шабакаҳои иҷтимоӣ ва технологияҳои коммуникатсионӣ ба изҳоротҳои беасос иҷозат доданд, ки ба мисли оташ дар ҷангал паҳн шаванд. Дар натиҷа, шабакаҳои иҷтимоӣ воситаи амалиётҳои ҳадафмандонаи иттилоотӣ гаштаанд.

**Тафаккури интиқодӣ** - ҷустуҷӯи маънои солим : чӣ гуна, бо назардошти ҳам нуқтаи назари худ ва ҳам андешаҳои дигарон, мантиқан ҳукм ва амал кардан аст, ин қобилияти даст кашидан аз таассуботи шахсӣ аст [43]. Тафаккури интиқодие, ки қодир аст ғояҳои нав пешниҳод кунад ва имкониятҳои тозаро бинад, ҳангоми ҳалли мушкилот муҳим аст.

Тафаккури интиқодӣ - қобилияти инсонии таҳти шубҳа қарор додани маълумоти воридшаванда ва ҳатто эътиқодоти шахсӣ мебошад. Ин асоси тамоми пешрафти инсоният, тафаккури илмӣ мебошад. Яъне, мо бояд тамоми иттилоот ва ҳатто эътиқоди худамонро, ки таҳти таъсири ин маълумот ташаккул ёфтаанд, дубора тафтиш кунем.

Раванди тафтиши далелҳо одатан вақте оғоз меёбад, ки тафтишгарон роҷеъ ба санҷидани далел, масалан изҳороти расмии як шахси масъул, огоҳинома ё дархости санҷиши далелҳоро бигиранд [5]. Ишорат ё дархост метавонад тавассути шакли тамос ё шабакаҳои иҷтимоӣ бирасад. Барои ҷустуҷӯи даъвоҳое, ки санҷиши далелҳоро талаб мекунанд, афзорҳои ҷустуҷӯӣ таҳия карда шудаанд.

Азбаски тафтиши тамоми далелҳо ғайриимкон аст, шахси тафтишкунанда бояд раванди санҷишро тангтар намояд (ба қадри имкон шаффоф), то фарогирии изҳоротҳои муҳимтар, интиқодӣ ва доғ, масалан, изҳороте, ки дар ВАО васеъ паҳн шудаанд ё сазовори таваҷҷуҳи махсус мебошанд. Қадами аввал муайян кардани чизест, ки санҷишро металабад.

Далелсанҷ бояд изҳоротро таҳрир кунад, яъне он чизе ки дар изҳорот сабт ё матн воқеан гуфта шудааст, мундариҷаашро ба ибораи дигар тавре ҷамъбаст кунад, ки онро ба изҳороти ҳақиқӣ / бардурӯғ бирасонад.

Хулоса, тафтиши фактҳо, саволҳо, хоҳишҳо, пиндоштҳо, пешниҳодҳо, тафсирҳои шахсӣ, мулоҳизаҳо дар бораи оянда ва ғайраро баррасӣ намекунад. Ҳамаи ин аз он шаҳодат медиҳад, ки аз далелсанҷ омӯзиш ва баҳогузории дақиқро мунтазиранд.

Онҳо инчунин бояд муайян карда тавонанд, ки кадом аз изҳоротҳоро дар маҷмӯъ санҷидан мумкин аст ва кадоме танҳо тафсире мебошад, ки бар ақидаи шахсӣ асос ёфтааст.

Тафтиши далелҳо, чун қоида, танҳо дар сурати вуҷуд доштани манбаъҳои кушода ва ба қадри кофӣ боэътимоди арзёбии иттилоот имконпазир аст. Пас аз он ки маълумот бодиққат муайян карда шуд, марҳилаи дуюм оғоз меёбад. Дар ин марҳила, далелсанҷ бояд муайян кунад, ки кадом манбаъҳо мувофиқанд. Масалан, манбаъҳои кушоди расмӣ ва ҳуқуқӣ, омори расман ва бетарафона таҳияшуда, таҳқиқоти илмӣ ва мутахассисоне, ки дар муассисаҳои таҳқиқотӣ кор мекунанд, манбаъҳои хуб барои санҷиши далелҳо мебошанд.

Аммо, вақте кор ба «коршиносон аз руйи таҷриба» мерасад, ҳама чиз печидатар мешавад. Рӯй овардан ба коршиносон аз руйи таҷриба, ки масалан, наврасон метавонанд ба онҳо нисбат ба коршиносони расмӣ бештар эътимод дошта бошанд, санҷиши далелҳоро мушкил месозад. Гарчанде далелҳоро баъзан тавассути таҷрибаи шахсӣ кашф кардан мумкин аст, коршиносон аз руйи таҷриба одатан чаҳорчӯбаи тафсирӣ ва ҳикоягиро пешниҳод мекунанд, ин он маъноро дорад, ки нақши онҳо на пешниҳоди далелҳо, балки шаклдиҳӣ ба онҳо мебошад, ки метавон истифодаашон бурд.

Аз сабаби фаровонии маълумоти зиддунақиз, ки барои тафтиши далел дастрасанд, метавон ба мутахассис доир ба иттилоот – мутахассис доир ба баҳогузорӣ ва ҷустуҷӯи манбаъ муроҷиат кард. Мутахассиси дуруст таълимгирифта метавонад ба одами далелтафтишкунанда дар ёфтани истинодҳо, оморҳо, қарорҳо ва мақолаҳои дахлдор кӯмаки муассир расонад.

Ҳангоми арзёбии манбаъҳо, далелсанҷ бояд онҳоро мавриди санҷиши дақиқ қарор диҳад. Доштани рӯйхати санҷишӣ, ки дар он меъёрҳои мувофиқат ва аҳамияти маъхазҳо номбар шудаанд, муфид аст.

Марҳилаи сеюми санҷиши далелҳо тамос бо коршиносонро дар бар мегирад, ки онҳо метавонанд барои иттилоотро дар қаринаҳои мувофиқашон ҷой додан кӯмак кунанд. Барои баррасии дурусти далелҳо манбаъҳои хаттӣ кофӣ намебошанд ва аз ин

рӯ тавсия дода мешавад, ки ҳадди аққал ду коршиноси мустақил даъво ва маводи авалияро баррасӣ кунанд. Ҳангоми тафсири изҳорот ба коршиносон муроҷиат карда, Шумо метавонед аз натиҷаҳои пешдоварие даст кашед, ки боиси худтаскиндеҳӣ мегарданд. Коршиноси комилан бетараф вуҷуд надорад. Аммо, гарчанде ки коршинос метавонад ба як барномаи муайян ё идеология такя кунад, ин онҳоро бефоида намесозад ва ба он оварда мерасонад, ки ақидаҳои онҳо ба таври худкор бардурӯғ мешаванд. Ин ангезаи асосӣ барои истифодаи зиёда аз як коршинос ва беҳтараш аз ташкилотҳои гуногун аст. Агар андешаҳои коршиносони гуногуни мустақил бо ҳам мувофиқат кунанд, ин далел тасдиқ мешавад ва метавон гуфт, ки дар ин масъала ҳадди аққал як тавофуқи муайяне вуҷуд дорад, ки метавон ба он истинод кард. Табиист ки бо ин раванд ҳақиқати мутлақ ба даст оварда намешавад, аммо ба ҳар ҳол он кафолат медиҳад, ки маълумот қобили боварӣ мебошад ва аз ҷониби манбаъҳои гуногун тафтиш карда шудааст.

Дар марҳилаи чорум, далелсанҷ одатан ҳисоботи тафтиши далелҳоро тартиб медиҳад, ба монанди хабар дар блог ё мақолаи рӯзнома, ки дар он маълумоти тафтишшуда, манбаъҳои дар ҷараён истифодашуда ва назари коршиносон оид ба иттилоот, заминаи он ва маънои марбута ба таври возеҳ ишора карда мешаванд. Албатта, пеш аз нашр, гузориш таҳти санҷиш қарор мегирад, то боварӣ ҳосил шавад, ки ҳама чиз дуруст аст.

***Тафтиши далелҳо теъдоди иттилооти бардурӯғ ва амалҳоро коҳиш медиҳад.***

Тафтиши далелҳо ба мақсади пайдо кардани итминон анҷом дода мешавад, то ки масалан, қарорҳо дар заминаи даъвоҳои беасос қабул карда нашаванд ва шаҳрвандон тавонанд ба маълумоти боэътимод ва дақиқ дастрасӣ пайдо кунанд. Тафтиши далелҳо инчунин як силоҳи қавӣ ба муқобили амалиётҳои ғайриахлоқӣ мебошад, масалан, шарҳи нодурусти қонунҳои физика, назарияи математика ё равандҳои биологӣ ва инчунин суханрониҳои пурсарусадо барои ҷилва додани шахсияти худ, ки боиси қасдан ба гумроҳӣ даровардан мегардад.

Равандҳои тафтиши далелҳо дар бораи даъвоҳои тафтишшуда **се намуди** хулоса мебароранд: **ҳақиқат**, **дурӯғ** ва **50/50**. Барои нишон додани фарқиятҳо, мо ба истилоҳ микёси светофор -ро барои маълумоти бардурӯғи эҳтимолӣ истифода мебарем.

1. Изҳороти ҳақиқӣ дар қаринае/мундариҷае дуруст аст ва манбаъҳое ҳастанд, ки онро дастгирӣ кунанд. Аммо азбаски тафтиши фактҳо бо қаринаҳои (мундариҷаҳои) мушаххас сарукор дорад, изҳорот метавонад ҳамоно дар мунадриҷаҳои дигар хато бошад.

2. Маълумоти нодуруст ошкоро дурӯғ аст, яъне маводи аввалия бо хулосаҳои коршиносон тафовут дорад. Маълумот метавонад ё дурӯғи ҳадафмандона ё як навъ натиҷаи беэҳтиётӣ бошад: тафтиши далелҳо метавонад ба ҳолате дучор гардад, ки натавонад ангезаи даъворо дақиқ муайян кунад.

3. Маълумоти 50/50 далелҳоро дар бар мегирад, аммо онҳоро комилан дуруст ҳисобидан мумкин нест. Ин алалхусус дар сурати ифодаҳои аз ҳад содакардашуда маъмул аст. Масалан, агар як коршинос қайд кунад, ки маълумотро на тасдиқ карда мешавад ва на рад, ё онро номуайян ҳисобидан мумкин аст, ё маводи аввалия (ибтидоӣ) зиддунақиз аст, ҳукм одатан 50/50 мебошад. Пас, гап сари нисфи ҳақиқат будан нест, балки дар пурра тасдиқшаванда ё боэътимод набудан аст.

Инчунин маълумоте мавҷуд аст, ки онро тасдиқ кардан ғайриимкон аст, дар акси ҳол санҷиш аз назари мубоҳисаҳои ҷамъиятӣ бемаъно хоҳад буд.

Маълумоти гумроҳкунандаи марбут ба тафтиши далелҳоро ба се категория ҷудо кардан мумкин аст:

- маълумоти нуқсондор ё хато (маълумоти бардурӯғ);
- маълумоти гумроҳкунанда ё қаллобӣ (дезинформатсия);
- вайрон кардани иттилоот ё ғайбат (маълумоти нодуруст).

Дар байни инҳо аз ҳама беозораш нуқсонҳо ё иттилооти бардурӯғест, ки метавонанд тасодуфан пахн гарданд, бидуни ягон гуна қасд ё ғаразҳои бад. Чунин даъвоҳо аксар вақт бар тасаввуроти ғалат асос ёфтаанд ва шахсоне, ки онро пахн мекунанд, одатан кӯшиш мекунанд, ки даъвоҳои худро баъд аз ошкор гардидани дурӯғ, ислоҳ кунанд

Аз тарафи дигар, фиреб ё маълумоти ғалат як дурӯғи барқасдона ё ба истилоҳ найранг аст, ки барои вайрон кардан, зарар расондан ё гумроҳ кардани мубоҳисаҳои ҷамъиятӣ ё андохтани ихтилоф дар байни мардум аст. Касоне, ки аз он кор мебаранд, дурӯғ будани онро дарк мекунанд. Масалан, сохтан ва паҳн кардани маълумоти дурӯғинро мешавад ба осонӣ ба категорияи дезинформатсия дохил кард. Беасос дар "сохтакории иттилоот" муттаҳам кардан низ бахше аз ҳамон ихтилофоти иттилоотӣ аст, ки ин иттилоот-ро истеҳсол мекунад. Ҳардуи онҳо барои ангехтани нофаҳмӣ, номуайянӣ ва шубҳаи беасос нисбати маводе пешбинӣ шудаанд, ки хонандагон тибқи барномаи таълимӣ меомӯзанд.

Тафсири ғалат ё нодурусти иттилоот аз нуқтаи назари санҷиши далел мушкилтарин мебошад, зеро он метавонад қисман дуруст бошад.

Маълумоти бад қоидатан аз иттилооти дурусте иборат аст, ки ғайриқонунӣ, бо нияти бад ва ё ҳадафу мақсади зараровар пахн карда мешавад. Зарар метавонад, масалан, дар натиҷаи дасткорӣ, таҳрифи мундариҷа (контекст) ё сохтори тафсирӣ расонида шавад. Бинобар ин, ҳадаф аз зовияи бад нишон додани далелҳо - таҳрифи нуктаҳои муҳим ва меъёрҳои арзёбии онҳо мебошад.

Дуруст мебуд агар ба хонандагонон консепсияи маълумоти нодурустро бо истинод ба ғайбат ва таҳқир фаҳмонда диҳем. Суханронӣ бо аносири нафрат ҳам аз табори ҳамин мафҳумҳост, зеро он дақиқан аз бедор кардани ҳисси шунавандагон вобаста аст. Дар бисёр ҳолатҳо, фиреб ё маълумоти бардурӯғ роҳи нафратро дар суханронӣ мекушояд.

Дар ҳоле ки зарар расонидан бо иттилоот ва алахусус ба суханронии кинаангез ғайриқонунӣ ҳисобида мешавад, амалан аз иттилооти бардурӯғ ва гумроҳкунанда ҳимоят ёфтан душвор аст. Тамғаи ғайриқонунӣ кӯмак ба қурбониёни маълумоти ғалатро осон мекунад ва баъзан хеле эҷодкорона, мисли мавриди истифодаи алгоритмҳо.

### 3.2. Педагогикаи санҷиши далелҳо ва тафаккури интиқодӣ

Тавре дар боло зикр шуд, мустақиман омӯзонидани тафаккури интиқодӣ ғолибан бо мушкилот тавъам аст ва ин назарияро дар зиндагӣ татбиқ намудан осон нест. Монеаи умумӣ барои интиқоли дониш/омӯзиш фосилаи таҷрибаи шахсӣ ва он воқеият аст, ки хонанда наметавонад тафаккури интиқодиро ҳамчун як равиши сода ва якранг аз худ кунад. Барои он ки тафаккури интиқодӣ аз як замина/қарина ба дигаре самаранок интиқол ёбад, хонанда бояд онро чун як маҷмӯи қоидаҳое фаҳмад, ки дар ҳама ҷо истифода бурдан метавонад.

Истифодаи педагогии тафтиши далелҳо дар муассисаҳои таълими умумӣ роҳи олии иҷрои ин вазифаи мушаххас мебошад. Дар раванди тафтиши далелҳо, тафаккури интиқодӣ ба як қоидаи ба осонӣ фаҳмо содда карда шудааст, ки новобаста аз муҳтаво, ҳамеша метавон аз он якхела истифода кард.

Гузашта аз ин, он барои кӯдакон ва наврасон шавқовар ва ҳавасмандкунанда аст. Хонандагон вақте ки метавонанд дар ҷараёни баррасӣ изҳороти бардурӯғро ошкор кунанд, ин лаҳзаҳои ба истилоҳ равонӣ ё кашфкардаашон -ро хеле муфид меҳисобанд,. Ҳамин тариқ, далелсанҷӣ ба бозии шавқоваре табдил меёбад, ки ҳадафи он ифшо намудани гӯянда дар изҳороти дурӯғ ё содда ё нофаҳмиҳо аст. Аммо, идеяи ин амал хушҳол шудани хонанда аз хатои дигарон нест .

Тафтиши далелҳо хонандагонро ба эҳтиёткорӣ, санҷиши изҳорот ва танҳо ба паҳн намудани донишҳои санҷидашуда ташвиқ мекунад. Ғоя аз дастгирӣ ва тавсеаи иштироки бомасъулият дар шабакаҳои рақамӣ иборат аст.

Истифодаи раванди тафтиши далелҳо дар таълим манфиатҳои зиёди педагогӣ дорад. Бо лутфи исрор кардан ӯ метавонад ба хонандагон эҳтиёткорӣ ва бодиққат буданро, ҳамчунин дар ҳама гуна машқҳои дигари синфӣ ҳам омӯзонад. Робитаҳои фаъол ва иштирок дар падидаҳои муҳим, аксар вақт руҳдодҳои иҷтимоӣ ва талаботҳои воқеӣ (масалан, дар ВАО инъикосёбанда) таълимро аз ҷиҳати саводнокии иттилоотӣ махсусан пурмазмун ва ҳавасманд мекунад.

Худи раванд омӯзишро дар бисёр сатҳҳо дастгирӣ мекунад. Масалан, вақте хонандагон бояд сари изҳороте, ки мавриди санҷиш қарор мегирад, онро ташхис, дақиқ ва фикр кунанд ва ҳамчунин онро бо пайвандҳо ва андешаҳо алоқаманд созанд, тафаккури шифоҳӣ ва истиддлолии онҳо ҳамзамон рушд мекунад. Азбаски изҳороти воқеӣ аз изҳороти ғайривоқеӣ дар раванди кор тафовут мекунанд ва аҳамияти он бештар аз масъалаи росту дурӯғ аст, санҷиши далелҳо роҳи муассир, кӯтоҳ ва амалии омӯзонидани тафаккури таҳлилиро ба ҷомеа пешниҳод мекунад.

Дар ҷараёни тафтиши далелҳо, хонандагон бояд мустақилона манбаъҳоеро ҷустуҷӯ кунанд, ки аз рӯйи онҳо метавон даъвоҳоро санҷид. Чунин фаъолиятҳо имконияти ҷустуҷӯ ва коркарди маълумот, инчунин рушди нақди манбаъ ва мулоҳизаҳои солимро дастгирӣ мекунанд.

Дар робита ба омӯзиши тафаккури интиқодӣ, як ҷанбаи муҳиме мавҷуд аст, ки одатан дар адабиёти тафаккури танқидӣ ба он хеле кам таваҷҷӯҳ шудааст: малакаҳои эҳсосӣ ва таълими ба он марбут. Маҳорати эҳсосӣ, ки дар таълим додани малакаҳои хуби тафаккур сарвати пурарзиш аст, вобаста ба он аст, ки номуайянӣ ва мураккабӣ моро ба ташвиш меорад. Агар ин ташвиш ба таври бояду шояд муолиҷа нашавад, шахси мушавваш метавонад хулосаҳои шитобкорона ё далелҳои аз ҳад зиёд содалавҳонаи роҳи ҳалро пайдо кунад, ё аз фикр кардан тамоман канорагирӣ кунад.

Дар беҳтарин ҳолат, истифодаи раванди санҷиши далелҳо дар таҳсил, ба хонандагон барои ба эътидол овардани номуайянӣ ва мураккабии атроф кӯмак мекунад ва ба ин васила, чунин чизҳоро аз ҷиҳати равонӣ камтар хатарнок ва аз ҷиҳати эмотсионалӣ (эҳсос) бештар идорашаванда месозад. Раванди тафтиши далелҳо хонандагонро, чӣ дар синф ва чӣ берун аз он, таълим медиҳад, ки бо номуайянӣ ва мураккабии худидоракунии таҳлилӣ мубориза баранд. Иштирок дар раванди тафтиши далелҳо ба хонандагон имкон медиҳад, ки қобилияти идоракунии ба ном реактивии эмотсионалиро инкишоф диҳанд, яъне бо тамоюли модарзодии мо барои

ташаккули афкор танҳо дар асоси эҳсосоти худамон, ки метавонад нишони бо ном «давраи пас аз ҳақиқат» бошад.

Аз тарафи дигар, раванди санҷиши далелҳо, ба хонандагон майли табиии амалкард,- дар асоси далелҳои ноустувор бунёд намудани ақидаҳояшонро нишон медиҳад. Чунин тарзи нишон додан ба хонандагон дар фаҳмидани он кӯмак мекунанд, ки номуайянии иттилоотӣ дар амал чист ва аз ин рӯ, чӣ гуна бехатар онро бояд идора кард. Дар беҳтарин ҳолат, чунин усулҳо метавонанд радикализатсияро пешгирӣ кунанд, эътимод ба далелҳои духӯра ва содакардашудаи маъмулро коҳиш диҳанд ва воситаҳои бартараф кардани онҳоро пешниҳод кунанд. Дар ин робита, ба хонандагон инчунин табиати раванди илмӣ - ҷанбае, ки ба санҷиши далелҳо шабеҳ аст, омӯзонида мешавад.

Тафаккури интиқодӣ - ин таҳлили бодиккат, коркарду идроки иттилоот мебошад.

Ҳангоми таълими тафаккури интиқодӣ, дастгирии шахсияти хонанда ҳамчун як нафари мутафаккири интиқодӣ ва ҳамчунин таъмини воситаҳои кофӣ барои дастгирии ин ҳуввият дар заминаҳои гуногун муҳим аст. Усули беҳтарини ба даст овардани он тавассути омӯзиши таҷрибавӣ, таъмин намудани хонандагон бо таҷриба мебошад.

Якчанд марҳилаи санҷиши асолати (ҳақиқати) иттилоот мавҷуд аст.

**Супориши 1**. Биомӯзед, ки то куҷо манбаъи иттилооти Шумо муътамад аст, дигар матолибро дар ин сарчашма бихонед, барномаҳои мухталифро тамошо кунед. Ба худ суол диҳед: барои ин манбаъ набудани мувозинати иттилоотӣ хос аст?

**Супориши 2**. Оё аксар вақт суханони бадбинона/забони адоват ва дигар усулҳои дасткории иттилоот истифода мешаванд? Дар асоси ин ҳама, оё ин манбаъро воситаи таблиғотӣ номидан мумкин аст? Ниҳоят, дар хотир доред, ки муассиси ин расонаи иттилоотӣ кист, фикр кунед, ки оё танҳо як қисми ҳақиқатро гуфтан ба манфиати ӯст ва тавре ки маълум кардем, нимаҳақиқат беҳтар аз дурӯғи рӯирости ВАО нест.

**Супориши 3**. Маълумотро дар бораи дигар манбаъҳои иттилоотӣ, эҳтимолан, алтернативӣ ёбед. Дар хотир доред, ки як қатор расонаҳои боэътимод мавҷуданд, ки маълумоти тасдиқнашуда нашр намекунанд. Ҳоло ВАО ва аккаунтҳои шахсии корбарон дар шабакаҳои иҷтимоӣ ба яке аз манбаъҳои иттилоотии рӯзноманигорон табдил меёбанд. Бо омӯхтани ҳама гуна маълумот аз расонаҳои нав, журналистон, чун қоида, дурустиро тафтиш мекунанд.

**Супориши 4**. Мафҳуми тафаккури интиқодиро муайян кунед. Нақши таҳлил, синтез ва арзёбии иттилоотро барои тафаккури интиқодӣ муҳокима кунед. Назарияро бо мисоли дуруст ва дақиқ аз ҳаёти ҳаррӯзаи хонандагон тасвир кунед.

Ҳамин тавр, ВАО манбаи асосии иттилоот барои аксари мардум боқӣ мемонад. Ин як воситаи хубест барои тасдиқи нашрияҳои нави муҳити расонаӣ. Онҳо тамоми вазифаҳои пешинаи худро аз вазифаи иттилоотӣ то иҷтимоӣ шудан иҷро мекунанд.

Саводи расонаӣ доштан маънии танҳо ба ВАО эътимод надоштан нест, балки дар ин ҷараёни иттилоотӣ «шино карда тавонистан», қобилияти тафаккури танқидӣ доштан, ба ҳар он чизе, ки гуфта мешавад бовар накардан ва сохтакориро аз воқеият фарқ карда тавонистан аст.

Далел - аз забони лотинии factum - иҷрошуда аст. Ба маънои васеъ, он бо ҳақиқат муродиф аст; ин ҳодиса рӯй додааст: ҳодиса ё натиҷае, ки ҳақиқаташ тағйирнопазир,

воқеӣ аст, на хаёлӣ. Мо ҳоло дар мактаб ҳастем - ин ҳақиқат аст. Номи донишҷӯе, ки дар рӯ ба рӯи ман нишастааст, низ ҳақиқат аст. Мо асосҳои саводнокии расонаиро меомӯзем, зеро шояд дар оянда барои мо муфид бошад.

**Савол: Оё ин далел аст ё андеша?**

Мо асосҳои саводнокии расонаиро меомӯзем - ин далел-ҳақиқат аст. Аммо изҳороте, ки ин метавонад барои мо дар оянда муфид бошад, дигар далел нест, зеро он ҳанӯз иҷро нашудааст, ин - андеша аст.

Андеша баёни эҳсосот, нуқтаи назар ё изҳорот дар бораи мавзӯи муайян мебошад.

**Машқи №1. Далел ё Андеша?**

Ин машқ барои муайян кардани далел ва андеша пешбинӣ шудааст. Далел метавонад дуруст ё тахайюлӣ бошад. Андеша ифодаи ҳиссиёт ё нуқтаи назар аст ва наметавонад ҳақиқӣ ё тахайюлӣ бошад.

Муаллим баъзе изҳоротро менависад, ки ё воқеият ё андешаанд. Агар даъво воқеият бошад, Д нависед ва сипас ба таври мухтасар фаҳмонед, ки чӣ гуна он метавонад исбот карда шавад. Агар ин андеша бошад, А нависед ва мухтасар фаҳмонед, ки чаро исбот карданаш мумкин нест. Ҷавобҳоро бо дӯстони худ муқоиса ва андешаҳоятонро бо ҳам мубодила кунед.

Изҳорот: Муҳокима:

**Машқи 2. Хотираи аккосӣ**.

Тайи 1 дақиқа ба ашё ва калимаҳои саҳифа назар кунед. Пас кӯшиш кунед, ки ҳама чизи аз саҳифа ба ёд гирифта ва хондаатонро бинависед. Агар Шумо машқро дар принтери ранга чоп мекарда бошед, ҳамчунин кӯшиш кунед, ки ранги ҳар як калима ва чизҳоро ба хотир оред.

**Машқи № 3. Карикатуристҳо.**

Қадами 1. Синфро ба ду гурӯҳ тақсим кунед.

Қадами 2. Вазъиятро ба онҳо фаҳмонед.

Вазъият: Рустам манзилеро ба иҷора гирифтааст, ки дар он сӯхтор сар задааст. Манзил пурра насӯхтааст, аммо ҳоло барои таъмир маблағи зиёде лозим аст. Коршиносон наметавонанд сабаби сӯхторро муайян кунанд. Рустам бо боварӣ мегуяд, ки ӯ як шабонарӯз пеш аз сар задани сӯхтор дар манзил набуд. Аз ин рӯ, эҳтимол меравад, ки масъала дар иштибоҳи шабакаи барқ ва ҳифозат нашудан аз оташсӯзии манзил бошад. Соҳиби хона Матлуба мегӯяд, ки иҷоранишин аксар вақт дар манзил тамоку мекашид, ки инро пасмондаҳои сигор дар қуттиҳои партов, ки аз сӯхтор эмин мондааст, нишон медиҳад. Матлуба мутмаин аст, ки сӯхтор аз беэҳтиётии Рустам (иҷоранишин) рух додааст.

**Қадами 3.** Ба гурӯҳҳо супориш диҳед. Гурӯҳи аввал карикатураи иҷоранишин, дуввумӣ иҷорадиҳандаро мекашад.

**Гурӯҳи аввал -** гурӯҳи дастгирии Матлуба мебошад, ки манзилро ба иҷора додааст.

**Гурӯҳи дуюм -** гурӯҳи дастгирии Рустам мебошад, ки манзилро иҷора гирифтааст.

Ҳар ду гурӯҳ бо назардошти мавқеъашон дар мунокиша, вазъиятро дар карикатура тасвир мекунанд. Ҳангоми муаррифӣ дастаҳо метавонанд саҳначаеро иҷро кунанд, ки дар карикатура тасвир шудааст.

**Қадами 4. Муаррифии гурӯҳӣ.**
Истинодҳои муфид.
**EAVI**: https://eavi.eu/beyond-fake-news-10-types-misleading-info/
**Faktabaari EDU**:https://faktabari.fi/edu
**InVID-video/photo tools** https://www.invid-project.eu
**Savoir Devenir** https://savoirdevenir.net/formation
**Evens Foundation-Media** https://evensfoundation/be/programs/media/
**Media Literacy School, Finland** https://www.mediataitokoulu.fi/index.php?lang=fi
**Unesco MIL** https://en.unesco.org/themes/media-and-information-literacy
**European Comission, medialiteracy and disinformation**
https://ec.europa.eu/digital-single-market/en/news/communication-tackling-online-disinformation-european-approach-
**Statement of Savoir Devenir, Faktabaari and Lie Detectors on the communication** https://t.co/4amqpXFAlt
**European Council and Information Disorder report:**
https://www.coe.int/en/web/freedom-expression/information-disorder
**Lie Detectors** https://lie-detectors.org
**FactCheckIt-role playing card game** https://factcheckingday.com/lesson-plan
**International Fact-Checking Network (IFCN) code of principles:**
https://ifcncodeofprinciples.poynter.org